**Суратҷаласаи № 16**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 024 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

10. 07. соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафараш доктороны илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV–XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси гурӯҳи комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Олимов М.А. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) .

**Қарор карда шуд**:

1. Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV–XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Муродзода Аҳмадхон Амрохон – доктори илмҳои таърих, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ;

Сайнаков Сайнак Парпишоевич – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғ. Ғафуров таъин карда шавад.

4. Барои нашри автореферат, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани эълон ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 16-уми сентябри соли 2026 таъин карда шавад.
6. Барои чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ д.и.т.** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ н.и.т.** **Умаров А.Қ.**